даъват мекунанд. Барои гузаронидани пурсиш пурсишнома тартиб диҳед. Мақсади ширкат бар таҳлили нархгузорӣ ва хизматрасонии хубтари муштариён асос ёфтааст. Пурсишнома бояд аз саволҳои кушода ва пӯшида иборат бошад.

# МАВЗӮИ 10. НАҚШАИ ТАШКИЛӢ

**10.1. Давраи ташкил ва бақайдгирии корхона**

**10.2. Шакли ҳуқуқӣ-ташкилӣ, оиннома ва сохти идоракунии корхона**

**10.3. Банақшагирии захираҳои меҳнатӣ ва фонди музди меҳнат**

**10.4. Машғулияти амалӣ доир ба мавзӯъ**

## 10.1. Давраи ташкил ва бақайдгирии корхона

Барои идоракунии бомуваффақияти корхона чараёни истҳесолиро дар муҳит дуруст ташкил кардан лозим аст, яъне дар асоси хусусиятҳои истеҳсолот сохти самараноки корхонаро бояд муайян кард.

Мақсади боби «Нақшаи ташкилӣ» дар он аст, нишон диҳад, ки оё кормандони боихтисосе, ки аз иҷрои лоиҳа баромада метавонанд, мавҷуд аст.

Дар ин боб сохтори ташкилии идоракунии лоиҳа, вазифа ва ӯҳдадории кормандон тавсиф карда мешавад, инчунин маълумотҳо дар бораи роҳҳои ҳавасмандкунии онҳо, тартиби кор, системаи назорат, ҷадвали хаёлии тахминӣ оварда мешавад.

Дар ин боб маълумотҳои муфассал дар бораи ҳар роҳбари корхона, калонтарин нигоҳдорандагони саҳмия, ҳайати гурӯҳи таҳиягарони лоиҳа нишон дода мешаванд.

Боби «Нақшаи ташкилӣ» тавсифи консепсияи қабулшуда, шакл ва сохти идоракунӣ, иҷрои лоиҳаи инвеститсиониро дар бар мегирад. Дар

ин боби бизнес-нақша сохти ташкили қабулшудаи идоракунии иҷрои лоиҳа мавқеи асосиро ишғол мекунад. Дар он бояд шакл, функсия ва вазифаи хадамот ва шӯъбаҳо, шакл ва тартиби амали якҷояи иҷрокунандагон, тартиби якҷоякунӣ, баҳисобгирӣ ва назорати кор доир ба иҷрои лоиҳа, ӯҳдадорӣ ва масъулияти шӯъбаҳо, хадамот ва иҷрокунандаҳои алоҳида дақиқ муайян карда мешавад. Муайян кардани доираи шахсоне, ки бо ҳуқуқҳои алоҳида барои қабул намудани қарорҳои дахлдор аз рӯи доираи масъалаҳои зарурӣ дар давраҳо ва қитъаҳои гуногуни иҷрои лоиҳа хеле муҳим аст. Инчунин талабот ба роҳбарон ва мутахассисон барои иҷрои лоиҳаи сармоягузорӣ, талаботе, ки ба онҳо аз рӯи соҳа ва таҷрибаи фаъолият, тахассус ва ихтисос, шароити қабул намудан ба кор, инчунин тартиб ва системаи пардохти музди меҳнати роҳбарон ва мутахассисон, санҷиши онҳо, ташкили баланд бардоштани ихтисос, шароити мукофотонӣ, иштирок дар тақсимоти фоида, нишон дода мешавад.

Яке аз вазифаҳои асосӣ, ки бо нақшаи ташкилӣ ҳал мегардад, банақшагирии кор доир ба иҷрои лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад. Асосноккунии сохти ташкилӣ- ҳуқуқии корхона ва интихоби низоми дурусти идоракунии истеҳсолот, кормандон, таъминот, фурӯш ва умуман фаъолияти корхона диққати махсус ҷудо карда мешавад. Дар ин сурат, имконияти ташаббускорони лоиҳа оид ба интихоб ва тайёр кардани кормандон, қобилияти гурӯҳи менеҷерон дар иҷрои ин лоиҳа нишон дода мешавад, ихтисос ва шумораи зарурии мутахассисон муайян карда мешавад ва ғайра.

Дар ин боб масъалаҳои ташкили нақшаи ташкилӣ, ки барои идоракунӣ ва назорати тамоми фаъолияти корхона зарур буда, бо ин хароҷотҳо алоқамандӣ дорад, баҳо дода мешаванд. Дар он бояд аниқ нишон дода шавад, ки кӣ ва бо чӣ машғул мешавад, ҳамаи шӯъбаҳо ва хадамотҳо байни ҳам чӣ хел якҷоя амал мекунанд, кӣ ва чӣ тавр фаъолияти онҳоро муттаҳид ва назорат мекунад. Ба ғайр аз ин, вазифа ва масъулияти кормандонро дақиқ тақсим кардан, аз ҷумла кӣ ба кӣ

тобеъ аст ва дар назди кӣ ҳисобот медиҳад, кӣ усулҳоро тайёр мекунад ва қарори ниҳоии идоракуниро қабул мекунад, зарур аст.

Дар ин боб масъалаҳои пардохти музди меҳнати роҳбарон ва мутахассисон (онҳоро сирри тиҷоратӣ ҳисобидан мумкин нест), ҳавасмандкунии онҳо, иштирок дар тақсими фоида, дигар шаклҳои ҳавасмандкунии моддии кори самаранок, бояд мавқеи муҳимро ишғол намоянд. Таҳияи системаи интихоб, ҷобаҷокунӣ ва истифодаи кадрҳо низ бисёр муҳим аст. Мутахассисон, (кадом соҳа, чӣ хел маълумот, таҷриба), ки корхона ба онҳо эҳтиёҷ дорад ва музди меҳнати онҳо бояд аниқ муайян карда шавад.

Дар ин боб ҳуҷҷатҳои қонунӣ, меъёрӣ ва ғайра, ки қувваи ҳуқуқӣ ва бо ин лоиҳа муносибат доранд, инчунин ҷадвали иҷрои лоиҳа нишон дода мешаванд.

Номгӯи ҳуҷҷатҳои қонунӣ ва меъёрии зарурӣ:

А) оинномаи корхона (намуди фаъолияти ба лоиҳа дахлдор нишон дода мешавад);

Б) шартномаи муассис;

В) иҷозатнома ба ҳуқуқи иҷрои фаъолият;

Г) шаҳодатнома (ҳуқуқи муаллиф);

Д) сертификати сифати маҳсулот;

Е) барномаи байналмиллӣ, давлатӣ, минатқавӣ ё маҳаллӣ;

Ж) санадҳои қонунӣ ва дигар қарорҳои мақомоти ҳукуматӣ;

З) хусусиятҳои андозбандӣ;

И) шартнома, аз ҷумла, иҷора, хариду фурӯш.

Қисми асосии сохтори истеҳсолии корхона ҷои корӣ, қитъа ва сехҳо мебошанд.

Воҳиди аввалини ташкили фазои истеҳсолот коргоҳ мебошад.

Коргоҳ – воҳиди ҷудонашаванадаи ҷараёни истеҳсолӣ дар муносибати ташкилӣ мебошад, ки онро як ё якчанд коргар, ки барои иҷрои амалиёти муайяни истеҳсолӣ ё хизматрасонӣ таъин шудаанд, хизмат мерасонанд ва бо таҷҳизот ва воситаҳои ташкилӣ-техникии дахлдор таҷҳизонида шудааст.

Қитъа – қисми истеҳсолӣ, ки як қатор коргоҳҳоро муттаҳид намуда, аз рӯи аломатҳои муайян ҷамъ карда шуда, қисми ҷараёни умумии истеҳсолотро доир ба истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии ҷараёни истеҳсолот иҷро мекунад.

Дар ҳолати аввал коргоҳҳо байни ҳам ба ҷараёни қисм – қисми истеҳсолӣ барои тайёр кардани қисми муайяни маҳсулоти тайёр; дар ҳолати дуюм – аз рӯи иҷрои амалиёти якхела алоқамандaнд.

Барои ташкили дурусти ҳаракати ашёи хом ва маҳсулот дар коргоҳҳо зарурати таъсиси ташкили ҷараёни истеҳсолӣ дар фазои сохти истеҳсолии пешниҳодшуда ба вуҷуд меояд.

## 10.2. Шакли ҳуқуқӣ-ташкилӣ, оинномa ва сохтори идоракунии корхона

Шакли ташкилотӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ бо Кодекси шаҳрвандии ҶТ муқаррар карда шудааст. Ба шакли ҳуқуқӣ-ташкилии фаъолияти соҳибкорӣ чунин намудҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ дохил мешаванд: ширкатҳо ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва мунитсипалӣ. Ширкатҳо ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ – ташкилотҳои тиҷоратӣ бо сармояи оинномавии ба ҳиссаи муассисон (иштирокчиён) тақсимкардашуда, дониста мешаванд.

Дар ҳолатҳои дар Кодекс пешбинишуда ҷамъияти хоҷагиро як шахс, ки иштирокчии ягонаи он мегардад, ташкил карда метавонад.

Шарикии пурра – ин ташкилоти тиҷоратӣ, ки иштирокчиёни он дар асоси шартномаи муассисии байни онҳо басташуда бо фаъолияти соҳибкорӣ аз номи шарикон машғуланд ва аз рӯи ӯҳдадориҳои он ба амволи ба он мансуб буда ҷавобгаранд.

Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд (ҶДММ) – ин ҷамъияти бо як ё якчанд шахс таъсис дода шуда, ки сармояи оинномавии он ба ҳиссаи андозаҳои бо ҳуҷҷатҳои муассисӣ муайян карда шуда, тақсим карда шудааст.

Соҳибкорони инфиродӣ. Ҳуқуқи шаҳрвандон барои машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ бо Конститутсияи ҶТ, Кодекси шаҳрвандӣ муқаррар карда шудааст.

Корхонаи воҳид (унитарӣ) – ин ташкилоти тиҷоратиест, ки бо ҳуқуқи моликияти ҷудо карда шуда ба амволи ба вай вобастакардашудаи соҳибмулк таъсис мешавад.

Оинномаи корхона – ин ҳуҷҷати таъсисии корхона, ки дар он шакли ташкилӣ -ҳуқуқии корхона, номи он, суроға, мақомоти идоракунанда ва назорат, тартиби тақсимоти фоида ва таъсиси фондҳои корхона, шарти аз нав ташкилкунӣ ва барҳамдиҳии корхона муайян карда мешавад. Оинномаи корхонаро муассис аз нав ташкил медиҳад ва барҳамдиҳии корхонаро муайян карда метавонад. Оинномаи корхонаро муассиси он тасдиқ мекунад. Корхона аз рӯзи аз қайди давлатӣ гузаштан салоҳияти ҳуқуқиро пайдо мекунад. Барҳамдиҳӣ ва аз нав ташкил кардани корхона муайян карда мешавад. Барҳамдиҳӣ ва аз нав ташкил кардани корхона бо қарори соҳибмулк ё мақомоте, ки ба таъсиси чунин корхонаҳо салоҳият дорад, бо розигии ҷамоаи меҳнатӣ ё бо қарори суд амалӣ карда мешавад.

Сохти ташкилии идоракунӣ – ин шакли тақсимоти меҳнати идоракунӣ, ки функсияи муайяни идоракуниро ба қисмҳои таркибии дастгоҳи идоракунӣ вобаста мекунад.

Шаклҳои сохти ташкилии идоракунӣ.

Ду намуди сохти ташкилии идоракуниро фарқ мекунанд:

1) бюрократӣ (расмиятпарастӣ);
2) адаптивӣ (мувофиқкардашуда).

Сохти бюрократии ташкилӣ бо

- дараҷаи баланди тақсимоти меҳнат;
- иерархияи тараққиёфтаи идоракунӣ;
- занҷири гурӯҳҳо;
- мавҷудияти қоидаҳо ва меъёрҳои сершумори рафтори кормандон;

- интихоби кадрҳо аз рӯи сифатҳои корӣ ва касбии онҳо тавсиф карда мешавад.




**Расми 3. Сохтори ташкилии идоракунӣ**

Сохтори бюрократӣ чунин шаклҳоро дорад:

- хаттӣ;
- функсионалӣ;
- хаттӣ – функсионалӣ;
- дивизионалӣ.

Сохтори адаптивии ташкилӣ нисбат ба бюрократӣ ба ивазшавии босуръати шароити берунӣ ва пайдошавии технологияи нави илмталаб бештар мувофиқ аст.

Сохтори лоиҳавии ташкилӣ – ин сохтори муваққатӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои муайян таъсис дода шудааст. Усули бештар намоёни ташкили лоиҳа – ин сохтори ташкилии қолибӣ мебошад.

Дар сохтори ташкилии қолибӣ аъзоёни гурӯҳи лоиҳавӣ ҳам бо роҳбари лоиҳа итоат мекунанд ва ҳам бо роҳбарони он шӯъбаҳои функсионалӣ, ки онҳо дар он доимо кор мекунанд.

**Ҷадвали 24- Тавсифи сохтори ташкилии идоракунӣ**

| СТИ | Афзалият | Норасоӣ |
|---|---|---|
| Хаттӣ | - ягонагӣ ва дақиқии фармонҳо<br>- қабули босуръат ва фаврии қарорҳо ва иҷрои онҳо | - зиёдшавии вақти гузаронидани маълумот;<br>- қабули алоҳидаи қарор;<br>- иҷрои иловагии функсияҳо, ба ғайр аз вазифаҳои худ |
| Функсионалӣ | - камшавии вақти гузаронидани маълумот;<br>- тахассус, дараҷаи олии идоракунӣ каме пур карда шудааст | - гирифтани супоришҳои мухталиф, ки якдигарро истисно мекунанд<br>- мураккабии тақисмоти функсияҳои ба ҳамдигар вобаста<br>- душвории назорат<br>- устувории нокифояи идоракунӣ |
| Хаттӣ функсонал | -васеъ намудани имкониятҳои қабули қарорҳои босалоҳият<br>- ихтисори вақт барои қабули қарорҳои техникӣ | - мураккабии амали якҷояи қисмҳои хаттӣ-функсионалӣ |
| Дивизион алӣ | - таъсирпазирии босуръат ба тағйирёбии муҳити берунӣ<br>-беҳтар кардани фаъолияти хадамоти истеҳсолии ширкатҳо | - афзоиши дастгоҳи идоракунӣ<br>- такроршавии вазифаҳо<br>- такроршавии кори қисмҳои гуногун |
| Лоиҳавӣ | - мувофиқгардонии беҳтарин ба мақсади лоиҳа<br>- кам кардани мӯҳлати иҷрои лоиҳа | - масъалаҳо дар вақти муайян кардани вазифаҳо ҳангоми тақсими замони кор;<br>- душвориҳо дар муайян кардани ҷавобгарӣ;<br>- мураккабӣ ва вазнинии худи системаи идоракунӣ |

| СТИ | Афзалият | Норасоӣ |
|---|---|---|
| Қолибӣ | - мувофиқгардонии беҳтарин ба мақсади лоиҳа<br>- таъмини бештари самаранокии идоракунии ҷорӣ;<br>- пурзӯр намудани ҷавобгарии шахсӣ | - тобеияти дучанди иҷрокунандагон ба қатъёбӣ ё вайроншавӣ дар иҷрои лоиҳа оварда мерасонад<br>- мушкилӣ дар муайян кардани масъулияти кор<br>- имкони сар задани баҳсҳо байни менеҷерони қисмҳои функсионалӣ ва роҳбарони лоиҳа |

## 10.3. Банақшагирии захираҳои меҳнатӣ ва фонди музди меҳнат

Банақшагирии захираҳои меҳнатӣ яке аз самтҳои асосии ташкилот мебошад. Банақшагирӣ дурнамо ва ҳамчун раванде, ки барои нигоҳдорӣ ва такмили қобилияти созмон барои ба даст овардани стратегияҳое, ки бо зиёд шудани саҳми захираҳои меҳнатӣ дар ояндаи наздик нигаронида шудааст, мебошад.

Аз сифат ва шумораи захираҳои меҳнатӣ дар ташкилот, дастоварди ташкилоте, ки ташкилот таъсис додааст ва дастрасии мувофиқ аз он вобастаанд.

Вазифаи асосии банақшагирии захираҳои меҳнатӣ муайян кардани шумораи муайян, таркиб ва сохтори кор бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокӣ, коҳиши арзиши истеҳсолӣ мебошад.

Банақшагирии захираҳои меҳнатӣ чунин амалҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Арзёби захираҳои мавҷудаи меҳнатӣ. Гурӯҳ аз нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ арзёбӣ карда мешавад.

2. Арзёбии эҳтиёҷоти оянда аз ҳадафҳои стратегии корхона, инчунин аз вазифаҳои кӯтоҳмуддат ба даст меояд.

3. Таҳияи барномаи рушди захираҳои меҳнатӣ, чорабиниҳои ҷалбкунӣ, омодагӣ ва ташвиқи кормандон.

Арзёбии захираҳои меҳнати маҷуда, ки имкон медиҳад ба тағйироти кормандон дар шумораи кормандон доварӣ кунад, аз ҳаҷми кор ва таҳлили мундариҷаи он асос ёфтааст. Мақсади чунин таҳлил

иборат аст, ки вазифаҳо барои гурӯҳҳои алоҳидаи иҷрогар ва ташаккули талаботҳои мувофиқ ба тахассус, инчунин муайян кардани захираҳои кофӣ барои беҳтар кардани ҳосилнокии меҳнат дар ҳар як соҳаи мушаххаси кор.

Банақшагирии захираҳои меҳнатӣ дар асоси муайян кардани зарурати коргарон ва кормандон (аз категория) ва тартиб додани ҷадвали кормандон гузаронида мешавад.

Ҳисоб кардани талаботи кормандони корхона аз омодагии тавозуни вақти корӣ, яъне муайян кардани фонди вақти самараноки кор дар як кор дар мӯҳлати банақшагирифташуда дар шакли муқарраршуда.

Ҳангоми банақшагирии шумораи коргарон бояд усулҳои зеринро роҳнамоӣ кунанд:

1. Ҳангоми ҳисоб кардани шумораи кормандони асосӣ ва ёваре, ки ба корҳои муқаррарӣ машғуланд усули ҳисоб кардани мушкилии кор:

$$Ч = \frac{T_{пр}}{Ф_{эф} \times K_н} \quad \textbf{(10.1)}$$

Дар куҷо $Ч$ – Шумораи зарурии коргарон

$T_{пр}$ – шиддатнокии меҳнатии барномаи истеҳсолот, соатҳои муқаррарӣ;

$Ф_{эф}$ – Фонди самаранокии вақти як коргар, соат.;

$K_н$ – Коэффисиенти иҷрои меъёрҳои истеҳсолӣ.

Ҳангоми ҳисоб кардани шумораи кормандони ёрирасон, усули ҳисоб кардани стандартҳои хидматрасонӣ татбиқ карда мешавад:

$$Ч = \frac{M \times S}{N_o} \quad \textbf{(10.2)}$$

Дар куҷо $M$ – Шумораи ҷойҳои корӣ хизматрасонӣ (шумораи таҷҳизот);

$S$ – шумораи баст дар як шаборӯз;

$N_o$ – меъёри хизматрасонӣ (яъне, шумораи воҳидҳои таҷҳизоте, ки аз ҷониби як ё гурӯҳи коргарон хизмат мекарданд)

Бо назардошти барномаи истеҳсолӣ эҳтиёҷотро ба захираҳои меҳнатӣ муайян карда, бояд ҳисобҳои музди меҳнатро барои бахшҳои алоҳидаи корхона, категорияҳои коргарон бо усулҳои зерин ҳисоб карда мешавад:

- усули ҳисоби мустақим:

$$ФЗП = Чсп * ЗПср, \qquad \mathbf{(10.3)}$$

ки дар ин ҷо Чсп – микдори миёнаи кормандон, нафар;

ЗПср – музди миёнаи як коргар дар давраи банақшагирӣ (бо пардохтҳо ва пардохтҳои иловагӣ) / воҳиди пулӣ

- усули ҳисобкунии меъёрӣ:

$$ФЗП = Q*Нзп, \qquad \mathbf{(10.4)}$$

ки дар ин ҷо Q – маҷмӯи фурӯши маҳсулот дар давраи банақшагирӣ (барномаи истеҳсолӣ), воҳиди пулӣ

Нзп – музди меҳнати стандартӣ барои 1 сомони. маҳсулоти истеҳсолшуда, воҳиди пулӣ.

Ҳисобкунии фонди музди меҳнат дар маҷмӯъ барои корхона бо таърифи зерин ба анҷом мерасад:

• ФЗП коргарони асосӣ - коргарони қисмҳои қисмсоз;

• ФЗП кормандони ёрирасон - коргарони вақт;

• ФЗП барои роҳбарон, мутахассисон ва хизматчиён.

Бояд ҳисобкунии онҳоро ба методикаи амалкунанда мутобиқ кард.

### 10.4. Машғулияти амалӣ доир ба мавзӯъ

***Тестҳои санҷишӣ:***

1. Оинномаи корхона – ин:

а) ин ҳуҷҷати муассисии корхона;

б) ин ҳуҷҷат ба ҳуқуқи моликият;

в) ин сармояи оинномавӣ ва андозаи он;

г) ин қисми истеҳсолӣ, ки як қатор ҷойҳои кориро муттаҳид мекунад.

2. Ба мутахассисони корхона кӣ дохил мешавад?

а) муҳосибон ва иқтисодчиён;

б) намояндагон оид ба таъминот;

в) котиба – чопгар ва хазинадор;

г) коргузор ва табелчӣ.

3. Ба хизматчиёни корхона киҳо дохил мешаванд?

а) муҳосибон, иқтисодчиён ва техникҳо;

б) намоянда оид ба таъмин, котиба ва коргузорон;

в) механикҳо, равоншиносон ва хазинадорон;

г) рассомонӣ, молшиносон, технологҳо ва табелсозон.

4. Принсипҳои асосии ташкили истеҳсолот:

а) мувозӣ, пайдарҳам, мутаносиб будан;

б) намунавӣ, технологӣ, батафсил;

в) мутамарказонидашуда, омехта;

г) хаттӣ, функсионалӣ.

5. Ҳангоми тартиб додани нақшаи ташкилӣ чиро бояд ба назар гирифт?

а) муносибати ҳокимияти маҳаллӣ;

б) омилҳое, ки аз онҳо талабот ба амал вобаста аст;

в) арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда;

г) намоянда оид ба таъмин ва котиба.

***Ҳали масъалаҳо:***

***Масъалаи 1.*** Сохти ташкили системаи идоракунӣ. Сохти хаттии ташкилиряо созед, ки дар он роҳбари ташкилот, ду роҳбари қисм, шаш иҷрокунанда мавҷуд аст.

***Ҳал:***




**Расми 4. Сохтори ташкили системаи идоракунӣ**

***Масъалаи 2.*** Сохтори функсионалии ташкилотро созед, ки дар он: роҳбар, ду роҳбари вазифавӣ ва чор иҷрокунанда мавҷуд аст.

***Ҳал:***




**Расми 5. Сохтори функсионалии ташкилот**

***Масъалаҳо барои ҳали мустақилона:***

***Масъалаи 3.*** Шумораи миёнаи рӯйхатии кормандони корхона дар як сол 600 нафар. Дар давоми сол бо хоҳиши худ 36 нафар аз кор озод шуданд, барои вайрон кардани интизоми меҳнат 7 нафар хориҷ карда шуданд, 11 нафар ба нафақа баромаданд, 13 нафар ба мактабҳои олӣ дохил шуданд ва ба сафи қувваҳои мусаллаҳ даъват шуданд. Ба вазифаи дигар ва ба қисми дигар 30 нафар гузаронида шуданд. Муайян кунед:

- Зариби аз корравии кадрҳо дар корхона;
- Зариби хориҷшавии кадрҳо дар корхона.

***Масъалаи 4.*** Бо бастабандии маҳсулот 3 нафар машғуланд. Дуруст муайян кардани шумораи коргаронро дар ин қитъа санҷед, агар ба бастабандии як қуттӣ 1,5 дақ. талаб карда шавад, шумораи қуттиҳо, ки бояд дар баст печонда шавад, 800 ададро ташкил медиҳад. Вақти корҳои омодагию анҷомдиҳӣ ва танаффус барои истироҳат 30 дақ. дар баст қабул карда шудааст.

***Масъалаи 5.*** Шумораи миёнаи рӯйхатии кормандони корхона дар як сол 800 нафар. Дар давоми сол бо хоҳиши худ 56 нафар аз кор озод шуданд, барои вайрон кардани интизоми меҳнат 9 нафар хориҷ карда шуданд, 13 нафар ба нафақа баромаданд, 15 нафар ба мактабҳои олӣ дохил шуданд ва ба сафи қувваҳои мусаллаҳ даъват шуданд. Ба вазифаи дигар ва ба қисми дигар 32 нафар гузаронида шуданд. Муайян кунед:

- Зариби  аз корравии кадрҳо дар корхона;
- Зариби хориҷшавии кадрҳо дар корхона.

***Масъалаи 6.*** Бо бастабандии маҳсулот 5 нафар машғуланд. Дуруст муайян кардани шумораи коргаронро дар ин қитъа санҷед, агар ба бастабандии як қуттӣ 2,5 дақ талаб карда шавад, шумораи қуттиҳо, ки бояд дар баст печонда шавад, 900 ададро ташкил медиҳад. Вақти

корҳои омодагӣ ба анҷомдиҳӣ ва танаффус барои истироҳат 40 дақ. дар баст қабул карда шудааст.

***Масъалаи 7.*** Дар фонди нақшавии вақти корӣ дар баст В = 450 дақ. Ва супориши истеҳсолӣ барои истеҳсоли орди навъи олии корхонаи ордкашии ҶСП Маишат, ки дар халтаи вазнаш 50 кг бастабандӣ кардашуда, ба 25000 кг баробар аст, вазн ва суръати ҷараён муайян карда шавад.

***Масъалаи 8.*** Шумораи миёнаи рӯйхатии кормандони корхона дар як сол – 1200 нафар. Аз онҳо, дар 920 нафар давомнокии ҳафтаи корӣ 40 соат, 200 нафар– 70 соат ва 10 нафар – 24 соатро ташкил медиҳад. Ҳамаи кормандон ҳафтаи кории 5 рӯза доранд. Давомнокии миёнаи рӯзи кориро муайян кунед.

## МАВЗӮИ 11. АРЗЁБИИ ХАВФ

**11.1. Хавфҳо, намудҳои талафот ва усулҳои ҳисобкунӣ**
**11.2. Усулҳои таҳлили хавфҳо.**
**11.3. Нишондиҳандаҳои хавф ва усулҳои баҳодиҳии он**
**11.4. Машғулияти амалӣ доир ба мавзӯъ**

### 11.1. Хавфҳо, намудҳои талафот ва усулҳои ҳисобкунӣ

Дар ин боби бизнес-нақша хавфҳои эҳтимолие, ки ҳангоми татбиқи лоиҳа ба амал омада метавонанд, арзёбӣ карда мешаванд. Он арзёбии дараҷаи номуайянӣ ва хавфи ноил шудан ба нишондиҳандаҳои ниҳоии иқтисодии лоиҳаи сармоягузориро дар бар мегирад. Он андоза, вақт ва макони оқибатҳои номатлуби иқтисодӣ ва сабабҳои мушаххаси онҳоро муайян мекунад. Ҳангоми тавсифи хатарҳо пешниҳод кардани рӯйхати чораҳои пешгирикунанда ва пешгӯишаванда барои пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва дигар омилҳои манфӣ мувофиқи мақсад аст.